# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. Душанбе, 2025.**

Мавзуи мавриди омӯзиш аз аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошад, зеро ки хизмати дипломатӣ яке аз унсурҳои асосии сиёсати хориҷии ҳар як давлати соҳибихтиёр ба ҳисоб меравад. Дар замони гузариши пасошуравӣ, дар шароити ташаккули сохторҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди дипломатияи касбӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлатдорӣ табдил ёфта буд. Дар ин раванди муҳим нақши яке аз шахсиятҳои барҷастаи миллати тоҷик академик Талбак Назаров бисёр сарнавиштсоз буд. Зеро ӯ дар ташаккули сиёсати хориҷии давлат, муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва ташкилёбии мактаби муосири дипломатии кишвар саҳми бузург гузоштааст.

Муаллифи автореферат бамаврид аҳамияти таҳлили ҳамаҷонибаи саҳми академик Талбак Назаровро таъкид намуда, фаъолияти амалии ӯро дар баробари нақши муассир гузоштан дар ташаккули сохтории идораи дипломатӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки кори таҳқиқотии анҷомдодаи унвонҷӯ бисёр саривақтӣ буда, он як ҷои холигии илми таърихи муосири дипломатияи тоҷикро пурра менамояд.

Ҳамзамон, ҳаминро бояд қайд кард, ки бо вуҷуди аҳамияти мавзуи мавриди баррасӣ, саҳми академик Талбак Назаров дар рушди дипломатияи тоҷик то ҳол дар доираи таҳқиқоти илмӣ кам омӯзиш ёфтааст. Дар адабиёти илмии ватаниву хориҷӣ корҳои мукаммалу системавӣ, ки ба фаъолияти касбии ӯ ва ташаккули сохтори сиёсати хориҷии кишвар бахшида шуда бошанд, амалан вуҷуд надоранд. Муаллиф ташаббус нишон дода, равиши фарогиреро ба таври илмӣ пешниҳод намудааст, ки дар он равандҳои ташаккули хизмати дипломатӣ тавассути нақши шахсии академик Талбак Назаров возеҳу равшан гардонида шудааст.

Дар автореферат намоён аст, ки муаллиф аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла санадҳои расмӣ, маводи бойгонӣ, мусоҳибаҳо, мақолаҳо, инчунин, адабиёти илмӣ ва публитсистӣ истифода бурдааст, ки ба кори таҳқиқотӣ эътимоднокӣ ва асоснокии илмӣ мебахшад.

Навоварии илмии рисола дар он ифода ёфтааст, ки бори аввал шахсияти сиёсӣ ва касбии академик Талбак Назаров ҳамчун яке аз чеҳраҳои калидии таърихи муосири Тоҷикистон ба таври системавӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллиф фақат бо равиши тарҷумаиҳолӣ маҳдуд нашуда, балки таҳлили марҳилаҳои ташаккули хизмати дипломатии кишварро ба таври амиқ ва таҳлилӣ анҷом додааст. Дар

доираи ин таҳлил нақши Талбак Назаров дар шаклгирии сиёсати хориҷӣ, рушди иқтидори кадрӣ, ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ ва сохтори муассисавии Вазорати корҳои хориҷӣ аз ҷониби унвонҷӯ баррасӣ ва муҳокима гардидааст.

Дар асоси матни автореферат аҳамияти илмии рисоларо метавон гуфт, ки ин таҳқиқот як намунаи миллии дипломатияи даврони пасошуравиро ба таври илмӣ нишон медиҳад ва хусусиятҳои рушду мураккабии онро дар шароити ҳассос ва таҳдидҳои солҳои аввали истиқлолият таҳлил мекунад. Ин таҳқиқот метавонад замина барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ҳамчунин, муқоисаи дипломатияи Тоҷикистон бо дигар давлатҳои пасошуравӣ гардад.

Натиҷаҳои ин рисола аҳамияти амалии назаррас, махсусан, барои мутахассисони соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия ва таърихнигорон доранд. Инчунин, натиҷаҳои илмии рисола метавонанд дар курсҳои таълимии донишгоҳҳо оид ба таърихи давлатдории тоҷикон, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таърихи дипломатия истифода шаванд. Арзиши хоса дар он аст, ки муаллиф нақши шахсиятро дар ҷараёни таърихӣ нишон додааст ва тавассути намунаи як шахсияти барҷаста таъсири шахсиятро ба ташаккули сохторҳои давлатӣ равшанӣ андохтааст.

Сохтор ва муҳтавои автореферат ба таври мантиқӣ сохта шудааст, ки мазмун ва натиҷаҳои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо ва равишҳои илмӣ мукаммал шарҳ дода шудаанд. Муаллиф сатҳи баланди омодагии назариявиро нишон дода, қобилияти таҳлили сарчашмаҳо ва хулосабарории илмиро бо далелҳо тасдиқ мекунад.

Дар автореферат як қатор далелҳо ва хулосаҳои таҳлилӣ оварда шудаанд ва онҳо нишон медиҳанд, ки рисола ба таври баҳогузории объективӣ ва бо дарки амиқи равандҳои таърихию дипломатии солҳои 1990–2000-ум таҳия шудааст.

Автореферати диссертатсия таҳти унвони «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳиммияти мавзуи тадқиқот ва аҳамияти илмии онро инъикос мекунад. Дар он муаллиф фаҳмиши амиқи мавзуъро нишон дода, ба таври моҳирона усулҳои биографӣ, сохторӣ ва таҳлили таърихӣ-сиёсии онро муттаҳид сохтааст. Таҳқиқоти мазкур дорои хулосаҳои асоснок буда, бо маводи воқеӣ тасдиқ мешавад ва дар рушди илми ватанӣ, хусусан, дар заминаи омӯзиши ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ саҳми назаррас мегузорад.

Ҳамин тавр, бо назардошти мазмун ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои сатҳи баланди

илмӣ, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳқиқоти илмии мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз,**
номзади илмҳои таърих,
и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумӣ
ва муносибатҳои байналхалиӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ **Мирзоев Мирзо Низомудинович**

**Имзои М. Н. Мирзоевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Мустафозода Абдукарим**

**“29” ____04____ 2025**

**Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: +992 988303130
E-mail: info@tgpu.tj, Сомонаи расмии интернетӣ: www.tgpu.tj